**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек дар мавзуи «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи татқиқи диссертатсионӣ. Мавзуи татқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳим ва камтатқиқшудаи назария ва амалияи ҳуқуқи конститутсионӣ -«Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаи мазкур ҳанӯз мубрам дониста мешавад, зеро татқиқоти маҷмуӣ дар ин самт пурра ба анҷом расонида нашуда, махсусан падидаи вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, ки яке аз масъалаҳои калидии илми ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб меравад, мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Зимни татқиқи ҳар як принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ба масъалаи умумии вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад, аммо масъалаи махсуси гуреза ва шахсони паноҳҷӯянда аз madди назар дур мемонад. Бинобар ин, унвонҷӯ тамоми ҷанбаҳои илмию амалии мақоми махсуси гурезаҳоро татқиқу баррасӣ намудааст. Маврид ба тазаккур аст, ки хулоса ва тавсияҳои муҳаққиқ дорои аҳамияти муҳимми илмию амалӣ буда, дар такмили қонунгузории соҳавии кишвар мусоидат менамоянд.

Рушди минбаъдаи танзими мақоми гуреза, зарурати такмил додани қонунгузорӣ ва татқиқоти илмиро тақозо дорад. Бинобар ин, татқиқоти масъалаҳои вазъи ҳуқуқӣ - конститутсионии гурезаҳо пеш аз ҳама фароҳам овардани шароити муносиби иҷтимоӣ ва таъмини ҳимоя муҳим дониста мешавад. Бояд зикр кард, ки як зумра масъалаҳо дар бораи пайдоиши падидаи гуреза, масъалаҳои назариявии ташаккули паҳлуҳои

ҷудогонаи мақоми ҳуқуқии гурезаҳо дар таърихи низоми давлатдорӣ аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ, фикру андешаҳои гуногун баён кардаанд, ки аҳамият ва ногузирии татқиқотро дар ин самт тасдиқ мекунад. Чунки татқиқоти гуногунҷабҳаи асосҳои мақоми гуреза ва алоқамандаи он бо рушди заминаҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистрн ҳоло хотима наёфтааст. Аз ин лиҳоз, такмил додани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ яке аз мақсадҳои асосии ҳукумату давлат ба шумор рафта, дар зербанда 12, банда 3 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» омадааст, ки яке аз асосҳои қабул намудани ин ҳуҷҷати стратегӣ - пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофот, номутобиқатӣ, нуқсонҳо, такроршавӣ дар қонунҳо ва хориҷ кардани меъёрҳои ҳуқуқии моҳияташонро гумкардаю камсамар мебошад.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек воқеан муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ, мубрам ба ҳисоб меравад.

Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек соли 2004 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2010 онро аз рӯйи ихтисоси «ҳуқуқшинос-омӯзгор» хатм намудааст.

Аз соли 2012 то инҷониб дар вазифаи ассистент ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Татқиқоти диссертатсионии Саиданварзода Қурбоналӣ Ҷонибек аз муқаддима се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамии мавзуи татқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи татқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ касб кардаанд.

Боби якуми татқиқоти диссертатсионӣ «Асосҳои назариявии мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар ҶТ» дар бар гирифта, масъалаҳои аҳамияти назариявӣ-амалии вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар ҶТ, ба монанди мафҳум ва хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии гурезаҳо, принсипҳо ва унсурҳои асосии вазъи ҳуқуқии гурезаҳо фаро мегирад. Ҳамзамон дар боби мазкур масъалаҳои вобаста ба табиат ва моҳияти вазъи ҳуқуқии гурезаҳо ҳамчун падидаи муосири ҳуқуқи конститутсионӣ баромад мекунад, мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Муаллиф баён менамояд, ки дасрасӣ ба паноҳгоҳ ба яке аз падидаҳои махсуси ҳуқуқи конститутсионии гурезаҳо мансуб мебошад, ки дар низоми ҳимояи арзишҳои универсалии инсонӣ ҷойи намоёнро ишғол менамояд ва ҳар як шахс новобаста аз аломатҳои нажодӣ, шаҳрвандӣ, эътиқоди динӣ, забон, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ, ақидаҳои сиёсӣ, ҳуқуқи аз он истифода намуданро дорад.

Дар раванди таҳлил ва баррасии масъалаи мазкур муаллиф назари худро ба мафҳуми гуреза баён намуда, қайд мекунад, ки мафҳуми гуреза як институти ҳуқуқи конститутсионӣ буда, аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки ба доираи шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, ки бинобар сабаби таъқиби комилан асоснок аз рӯи аломатҳои нажод, миллат, дин, забон, мансубият ба гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ, ақидаҳои сиёсӣ ё мавҷуд будани хавфи воқеи дучор шудани таъқибот дар натиҷаи зӯроварии нисбати ӯ ё аъзои оилаиаш, ки боиси тарк кардани давлати шаҳрвандӣ ё ҷойи истиқомати пештараи ӯ гардидааст, ки минбаъда аз ҳимояи давлати асли ё ҷойи истиқомати пештараи худ даст кашидааст ва бинобар ҳамин сабаб бо муроҷиат мақоми гурезаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардаанд, фаҳмида мешавад.

Боби дуюми татқиқоти диссертатсионӣ «Танзими ҳуқуқӣ ва расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро фаро гирифта, ба масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ ва расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гуреза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

татқиқ гардидааст. Муаллиф баён менамояд, ки танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо дар қонунгузории миллӣ ташаккул ёфтааст, дар амалия мутобиқ ба низоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҳимояи гурезаҳо бо тартиби пайдарпайии амалигардонидани он дарки дуруст ва калидӣ ба шумор меравад: а)танзими вазъи ҳуқуқии конститутсионии гурезагон; б) танзими вазъи ҳуқуқии байналмилалии гурезагон; в) танзими вазъи ҳуқуқии гурезагон дар қонунгузории миллӣ.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар ҷомеаи башарӣ яке аз масоилҳои мураккабу мубрами рӯз мавзуи ҳифзи ҳуқуқи гурезаҳо ба шумор меравад. Гарчӣ баҳри ҳалли ин мушкилоти аср қадамҳои устувор гузошта мешавад, аммо комилан анҷом напазируфтаанд. Муллиф пас аз таҳлили масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсонии мақоми гуреза ба хулоса меояд, ки ин падида дар Конститутсияи ҳолоамалкунанда бо «мафҳуми гуреза» ва ё «ҳуқуқи гуреза» қайд нашудааст, аммо танзими худро дар меъёрҳои қонунгузории хусусияти махсусдошта, хусусияти комплексидошта, хусусияти умумидошта ва санадҳои зерқонуни мусоидаткунанда пайдо кардааст. Муаллиф ба масъалаи расмиёти ҳуқуқии муайянсозии мақоми гуреза ва тартиби гирифтани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пажуҳиши илмию-амалӣ намуда, густариши ин муносибати гурӯҳҳои махсуси иҷтимоӣ «гурезаҳо»-ро ба марҳаллаҳои муайяни таърихӣ бо назардошти шароитҳои мавҷудбудаи кишвар, бо қабули се қонуни соҳавӣ «Дар бораи гурезаҳо» (солҳои 1992, 1994 ва 2002) рост меояд, тавсиф намудааст. Ӯ чунин мешуморад, ки ҳар яке аз онҳо дар расмиёти муайянсозии мақоми гуреза ва тартиби гирифтани мақоми гурезаро дар ҶТ хизматҳои арзанда кардаанд.

Боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Масоилҳои татбиқи мақоми конститутсионӣ-ҳуқуқии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар бар гирифта, дар он масъалаҳои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо, хифзи ҳуқуқу озодиҳои гурезаҳо ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф дар пажӯҳиши масоили ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурезаҳо аввалан таваҷҷуҳ ба

падидаи конститутсионии ҳуқуқии инсон намудааст. Аз нигоҳи назариявӣ ба ақидаи муаллиф имконияти амали сохтани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи мустақил ба шумор меравconfigured. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳо, озодӣ ва уҳдадориҳои инсон ба қавле «позитивӣ» қонунӣ шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки ба онҳо шакли амали бевосита дода шудааст ва дар сурати ба миён омадани ягон монеаи сунъи бартарӣ ба ин ҳуқуқҳо дода мешавад. Умуман, меъёрҳое, ки дар боби 2 Конститутсияи ҶТ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳанд, бинобар сабаби мустақиман амал намуданашон аз ҳама гуна меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ афзалтаранд. Ҳамин тариқ, волоияти Конститутсия дар низоми қонунгузории Тоҷикистон бешубҳа аст. Қайд мегардад, ки ҳуқуқҳо, озодӣ ва уҳдадориҳои инсон ифодакунандаи муносибати давлат бо инсон мебошанд. Бинобар ин, муаллиф иброз менамояд, ҳангоми ҳуқуқи инсон мегӯем, муносибати мутақобилаи давлатро бо шахс: «хориҷӣ» «шахсони бешаҳрванд» «гуреза» дар назар дорем. Барои муайян кардани муносибати мутақобилаи шахс бо давлат зарур мешуморем, ки ба категорияи мақоми соҳибҳуқуқии шахс таваҷҷуҳ дошта бошем.

Мавзуи татқиқот маҷмуи масъалаҳоеро дар бар гирифтааст, ки ба танзими вазъи ҳуқуқии гурезаҳо ва механизми амалигардонии функсияи ҳимояи дохилии давлатӣ, ки амалӣ ва риоя гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсонро дар доираи амали меъёрҳои ҳуқуқи расмӣ таъмин менамояд, ташкил медиҳад. Эътибори расмӣ пайдо кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд кафолати риоя, иҷро, ҳимоя ва амалӣ гаштани онҳоро ифода мекунад, ки аз ҷониби давлат ва мақомоти ҳокимияти судӣ таъмин карда мешавад. Ҳадаф ва вазифаҳои татқиқот аз он иборат аст, ки эътироф гаштан, кафолати таъмини риоя, воқеан дар амали иҷро ва таҳти ҳимоя қарор додани гурезаҳо, ки аз падидаи ҳукуқҳои инсон бар меояд – ҳадафҳое мебошанд, ки минбаъд танзими ҳуқуқ мувофиқи таъинот ва табиати аслии худ на танҳо дар доираи меъёри ҳуқуқии расмӣ, инчунин,

дар амал баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ татбиқ гардад. Дар айни замон, ҳадафи моро дар рисола татқиқи мафҳум ва хусусиятҳои мақоми конститусионии гурезаҳо, унсурҳои мақоми гуреза, расмиёти ҳуқуқи муайянкунии гуреза, принсипҳои мақоми ҳуқуқии гуреза ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо ташкил дода, таҳқиқи ҳуқуқии паҳлуҳои ҷудогонаи он вазифаҳои татқиқотро муайян кардааст.

Муаллиф дар кори татқиқоти анҷомдода баён менамояд, ки пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ, зарурати шаклҳои нави ба танзимдарории муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ, хусусан, байни шахс ва давлат, ташаккули қоидаҳои пешқадами дар амал тасдиқ ёфтаро ба миён овардааст, ки дорои заминаҳои иҷтимоӣ-фарҳангию маънавӣ, аз ҳуқуқи инсон ва анъанаҳои фарҳангӣ-маънавии миллӣ сарчашма гирифта мебошанд.

Эътироф гаштани гуреза, кафолати таъмини риоя, воқеан дар амал иҷро ва таҳти ҳимоя қарор дода шудани ҳуқуқҳои онҳо - қадамҳои устуворе мебошанд, ки минбаъд ҳуқуқи инсон мувофиқи таъйинот, табиати аслии худ дар меъёри ҳуқуқӣ ифодаи худро ёфта, таҳти танзим, назорат ва тобеияти давлат қарор мегирад.

Татқиқотҳои илмии унвонҷӯ Саиданварзода Қурбоналӣ ва пешниҳодҳои ӯ дар навгониҳои илмӣ мубрамии мавзуи дассертатсияро тасдиқ намуда, саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи он нишон медиҳанд. Нуқтаҳои илмӣ ва хулосаҳои дассертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ мустаҳкам шуда, қисмате аз онҳо дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳо инъикоси худро ёфтаанд. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 31,33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад. Саиданварзода Қурбоналӣ қобилияти фаъолияти мустақилонаи илмӣ - эҷодӣ, таҳлил, асоснок намудани фикру ақида ва

мавқеи шахсии хешро доро мебошад, ки ҳамаи онҳо барои пурра ва ҳаматарафа маврида татқиқ ва омӯзиши илмӣ қарор додан ва дар ин замина ҷамъбаст намудани татқиқоти мавзӯи диссертатсионӣ мусоидат намудаанд. Татқиқоти диссертатсионӣ гувоҳи дониши мукаммал ва васеи назариявию амалӣ доштани унвонҷӯ доир ба ихтисоси интихобкардааш мебошад. Аз ин рӯ, диссертатсия дар мавзӯи: «Вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии гурезаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», татқиқоти комил ва анҷомёфта буда, муаллифи он Саиданварзода Қурбоналӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, Сарходими илмии Институти
фалсафа,сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоир Ҷ.М.

Имзои Зоир Ҷ.М.-ро тасдиқ менамоям.
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти
фалсафа сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмонзода Б.

Суроғаи ҷойи кор: 734025,
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33
Тел: +992 985 03 85 85
E-mail: zoirov2009@mail.ru

01.05.2025